# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**28 декабри соли 2024, №62**

Дар бораи сазовор донистани Мадвализода Комёр Мадвалӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ санаи 5-уми октябри 2024 суратмаҷлиси №56 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Мадвализода Комёр Мадвалӣ 11-уми майи соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2014 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз соли 2014 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда аз соли 2017 унвонҷӯи кафедраи мазкур мебошад.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14-уми марти соли 2024, №8 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

– **Маҳмудов Изатулло Тешаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Муқарризони расмӣ:**

– **Ҳамроев Шуҳратҷон Садирович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон;

– **Қобилов Ботурхоҷа Қобилхоҷаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар:**

– Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, профессори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети №6 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Тоҳирзода О.Т. ихтисос (12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия, Нарзуллозода С.С. ва котиби ҷаласа профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Муҳитдинзода Н.М имзо аз ҷониби муовини сардори шуъбаи кадрҳои Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия, Камолӣ З.Б. дар санаи 29 ноябри соли 2024 тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф ба таври мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Сатҳи навгонии рисолаи илмӣ дар тавсияҳои судманду илман асоснок, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ифода меёбанд. Дар маҷмӯъ, кори мазкур таҳқиқоти илмии асоснокшуда ва инноватсионӣ мебошад, ки сатҳи баланди таҳлили назариявӣ ва татбиқи амалиро нишон медиҳад. Муаллиф вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо бо муваффақият иҷро намуда, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар рушди илми мурофиаи ҷиноятӣ, бахусус падидаи исбот саҳми назаррас гузорад. Муҳаққиқ роҷеъ ба мавзуи таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар

маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсриякардаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1) Исоев, К.М. Некоторые вопросы субъектов доказывания в уголовном процессе [Текст] / К.М. Исоев // Правовая жизнь. – 2016. – №3 (15). – С. 120-124; ISSN 2307-5198.

2) Исоев, К.М. Муқаррар кардани ҳақиқат ҳамчун мақсади исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №6. – Қ. II. – С. 213-215; ISSN 2413-5151.

3) Исоев, К.М. Ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ, талаб намудани предмет ва ҳуҷҷатҳо ҳамчун воситаи ҷамъоварии далелҳо [Матн] / К.М. Исоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 183-192; ISSN 2414 9217.

4) Исоев, К.М. Исботкунӣ ва махсусиятҳои гносеологии (маърифат) он дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №4 (22). – С. 242-250; ISSN 2414 9217.

5) Маҳмудов, И.Т., Исоев, К.М. Баҳодиҳии далелҳо аз рӯйи эътиқоди ботинӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои норавшани он дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Т. Маҳмудов, К.М. Исоев // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (52). – С. 248-253; ISSN 2410-2903.

6) Исоев, К.М. Ҳолати ҳуқуқии ҳимоятгар дар раванди исботкунӣ [Матн] / К.М. Исоев // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ) / Зери таҳрири Маҳмудов И.Т. ва Сафаров А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 341-345.

7) Исоев, К.М. Соотношение процессуального познания и доказывания [Текст] / К.М. Исоев // Материалы республиканской научно-практической конференции: «Роль судьбоносной XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в укреплении национальной государственности и развития законодательства» / Под редакцией к.ю.н., доцента Рахмон Д.С. – Душанбе, 2017. – С. 206-209.

8) Исоев, К.М. Баъзе масъалаҳои назариявии ҷамъ овардани далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Маводи конфренсияи илми-амалӣ дар мавзуи: «Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 80-умин солгарди ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Н.А. ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ (ш. Душанбе, 25 июни соли 2019). – Душанбе, 2019. – 221-224.

9) Исоев, К.М. Предмети исботкунӣ вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон [Матн] / К.М. Исоев // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистн: 10-соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе 16-уми ноябри соли 2020) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе, 2022. – С. 146-150.

10) Исоев, К.М. Консепсияи муосири тафтиши далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 6 октябри соли 2022) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 160-165.

11) Исоев, К.М. Таносуби тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Маводи конференсияи илмӣ амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 ва нақши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Муллоев М.М. дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 22 июни соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 280-284.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Сангинзод Д.Ш.** – муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Саидвализода Б.С.** – сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Раҳматулоев А.Э.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки мубоҳисаталабанд.

1. Муаллиф ҳангоми таҳқиқот таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқиро бо кишварҳои ИДМ танҳо дар масъалаи тафтиши далелҳо (зербоби 2-и боби дуюм) ба амал баровардааст. Хуб мешуд, ки агар муаллиф таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқиро нисбати ҷамъоварии далелҳо (зербоби 1-и боби 2) ва баҳодиҳии далелҳо (зербоби 3-и боби 2) низ ба роҳ мемонд.

2. Дар автореферат аз ҷониби муаллиф баъзе вожаҳое истифода шудаанд, ки чандон хоси илм нестанд. Масалан, калимаҳои «паҳновар», «воҷиб», раҳёфт ва ғайра. Мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф бар ивази онҳо калимаҳои алтернативии ба ин ё он ҳолат хос истифода менамуд.

3. Баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, хулоса ва пешнидодҳои муаллиф аз ҷиҳатҳои баҳснок холӣ нест. Масалан, "суд ба сифати иштирокчие, ки функсияи ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳад" пешбарӣ шудааст. Муаллиф мебоист (тибқи м.2 КМҶ ҶТ) дар пешбарӣ кардани ин пешниҳод, мебоист ба таъинот ва самти фаъолияти мурофиавии суд дар ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ афзалият диҳад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Қобили қайд аст, ки интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

− **коркард карда шуд:** таҳлили меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон дар таҳрири нав роҷеъ ба падидаи далеловарӣ исботкунӣ дар шароити кунунӣ;

− **пешниҳод шудааст:** муқаррароти консептуалие, ки падидаи исботкуниро аз нигоҳи таълимоти гносеологӣ ва мантиқӣ маънидод менамояд;

− **исбот шудааст:** механизми ҷамъ овардани далелҳо ва минбаъд пешниҳоди далелҳо аз ҷониби ҳимоятгар дар КМҶ ҶТ пешбинӣ нашудааст. Зарур аст, дар моддаи ҷудогонаи КМҶ ҶТ оид ба қабул гардидани далелҳои ба парвандаи ҷиноятӣ иртиботдошта аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ рӯйи кор оварда шавад;

– **ҷорӣ намудан:** маҷмуи пешниҳодҳо роҷеъ ба ворид кардани тағйирот ба моддаҳои ҷудогонаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои рисола метавонанд ба рушди назарияи далел ва исботкунӣ тавассути омӯзиши табиати ҳуқуқии онҳо, раванди ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо дар давраи тафтишоти пешакӣ ва судӣ саҳми босазое гузоранд. Ҷанбаи бисер ҳам арзишманди таҳқиқот ин банизомдарории руйкардҳо ва консепсияҳои мавҷуда роҷеъ ба падидаи исботкунӣ маҳсуб меёбад. Руйкардҳои дар таҳқиқот манзургардида метавонанд ҷиҳати возеҳу равшан намудани паҳлуҳои баҳсноки падидаи исботкунӣ дар амалияи тафтишоти пешакӣ ва судӣ татбиқ карда шаванд. Ҳамзамон, таҳқиқоти мазкур метавонад дар соҳаи маориф низ муфиду созгор бошад ва ба донишҷӯён, ҳуқуқшиносони амалӣ ҷиҳати амиқтар дарк намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии падидаи исбот мусоидат менамояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** якчанд самтҳои калидиро ҷудо намудан мумкин аст, ки тавонистанд ҷиҳати таҳлили густурда ва таҳқиқоти амиқ асос шаванд. Ин масъалаҳо назариявӣ, амалӣ ва методологӣ мебошанд, ки ҷанбаҳои мухталифи падидаи исботкуниро дар ҳуқуқ ва ҳам дар соҳаҳои дигар ба монанди фалсафа, мантиқ ва ғайраро. фаро мегиранд. Ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як зумра усулҳо бароmад менамоянд, ба монанди: усули диалектикӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ, оморӣ, омӯзиши амалия, синтез ва ғайра.

– **баён шудани** мафҳуми муаллифонаи баҳодиҳии далелҳо чун унсури муҳимми исботкунӣ, ки чун фаъолияти мантиқиву равонӣ эътироф гардидааст.

– **ошкор гардидани** заминаҳои таърихии рушди падидаи далеловарӣ ва исбот дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ миёни кишварҳои пасошӯравӣ.

– **омӯхта шуданд** қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ ва давлатҳои узви ИДМ, инчунин амалияи тафтишоти пешакӣ ва судии кишвар дар самти падидаи исботкунӣ.

– **аз нав такмил додани** бархе аз муқарраротҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мисоли ҷамъ овардани далелҳо вобаста ба парвандаи баррасишванда. Амалҳои тафтишӣ роҳи ягонаи ҷамъ овардани далелҳо нест. Далелҳо ҳамчунин тавассути ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ ба даст оварда мешаванд. Зарур шуморида мешавад, ки қ.1 м.86 КМҶ ҶТ дар таҳрири зайл манзур карда шавад: «Ҷамъ

овардани далел дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ тавассути ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ анҷом дода мешавад».

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** таҳқиқоти анҷомёфта метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ саҳми муносиб гузошта, дар баробари ин, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ кумак расонад. Зиёда аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд масири инкишофи дурнамои исботкуниро бодарназардошти дигаргун гардидани стандартҳои байналмилалӣ, шуури ҷамъиятӣ ва мушкилотҳои нав ба нав аз нигоҳи тоза нишон диҳад.

Маводди таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ - ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва курси махсуси далел ва исбот истифода бурда шаванд.

– **муайян карда шуданд, ки** дар раванди амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ муайян намудани ба истилоҳ «марз» миёни тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо кори душвор буда, чун ҳардуи унсур дорои сифатҳои равонӣ (ақлонӣ) аст. Аз нигоҳи назариявӣ ва рафти фаъолияти онҳо тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо аз якдигар фарқ доранд, вобаста ба ҷанбаҳои амалиявӣ бошад, байни ин ду зуҳурот фарқ гузошта намешавад.

– **коркард карда шуданд** номгузории боби 4 КМҶ ҶТ, моддаи 85 КМҶ ҶТ; (унҷвонҷӯ пешниҳод менамояд, ки мафҳуми исботкунӣ дар моддаи ҷудогона бидуни ишораи «ҳолатҳое, ки вобаста парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд» манзур карда шавад; моддаи 15 КМҶ ҶТ (Айбдоркунанда тибқи талаботи м.15 КМҶ ҶТ субъекти асосиест, ки исбот кардан ба уҳдадории ӯ дохил мешавад. КМҶ ҶТ калимаи айбдоркунандаро пешбинӣ намудааст, вале номаълум аст, ки кадом айбдоркунанда. Муаллиф бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ пешниҳод менамояд, ки ба қ.2 м.15 КМҶ ҶТ бар ивази калимаи «айбдоркунанда», «айбдоркунандаи хусусӣ ва давлатӣ» ворид карда шавад.

– **муаррифӣ карда шуд:** муаллиф мафҳуми исботкуниро дар моддаи алоҳида дар таҳрири зайл пешниҳод менамояд: – «Исботкунӣ – ин тарзу тартиби бо қонун муқарраршудаи фаъолияти таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя мебошад, ки ҷиҳати ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои барои

парванда аҳаммиятдошта, ба амал баровварда мешавад». Ҳамчунин, дар қисми 2 моддаи мазкур талаботи зерин мустаҳкам карда шавад: – «Уҳдадории исботкунӣ ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вогузор карда мешавад. Дар раванди исботкунӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари маданӣ, ҷавобгари маданӣ ва намояндагони онҳо метавонанд иштирок намоянд».

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** ба мавзуи таҳқиқшуда унвонҷӯ ба рисолаҳои олимони ҳуқуқшиноси тоҷик ва хориҷӣ, ки масъалаҳои мубоҳисаталаби падидаи исботро бо ин ё он шакл рӯйи кор овардаанд, такя намудааст. Ҷиҳати собити хулосаҳо ва тавсияҳои судманд унвонҷӯ ба манбаҳои мухталиф - қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, монографияҳо, мақолаҳо ва рисолаҳои илмие, ки мавзуи рисоларо қисман мавриди омӯзиш қарор дода бошанд ҳам, назар намудааст. Гузашта аз ин, баҳогузории натиҷаҳои бадастомада тавассути маълумотҳои омории амалияи тафтишоти пешакӣ ва судҳои ҷумҳурӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба амал баровварда шудаанд.

**– барои корҳои таҷрибавӣ:** ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд бояд протоколи амали тафтишии муносиб тартиб дода шавад. Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо танҳо маълумотнома ба корхона, ташкилот, муассиса, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ пешниҳод мегардаду халос. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҷиҳати ба расмият даровардани предмет ва ҳуҷҷатҳо бояд аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд протоколи амали тафтишии муносиб тартиб дода шавад. Дар протокол ба ғайр аз маълумотҳои муқаррарӣ (маҳал ва санаи тартиб додани протокол, вазифа ва ному насаби шахси тартибдиҳандаи протокол), инчунин вақт ва ҷойи супоридани предмет ва ҳуҷҷатҳо ва аз ҷониби кӣ қабул карда шудааст, бояд инъикос карда шавад.

**– ғоя асоснок шудааст, ки** консепсияи исботкунӣ ҳамчун унсури мурофиавӣ, ки барои муқаррар намудани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятноканд. Асоснок шудааст, ки исбот қисми ҷудонопазири зуҳуроти адолати судӣ ба шумор рафта, саҳеҳияти санадҳои қабулшудаи судиро таъмин менамояд. Ғояҳои талабот ё худ маҳакҳои баҳодиҳии далелҳо, ба монанди қобили қабул, манҷсубият, боэътимод ва кофӣ будани далелҳо дар заминаи таҳлили консепсияҳои назариявӣ ва амалияи судӣ аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудаанд.

– **муайян шудаанд:** таҳлили маҷмуии КМҶ ҶТ нишон додааст, ки танҳо дар се маврид истилоҳи ҳақиқат истифода гардидаасту халос. Ин ҳам бошад, дар қ.4 ва 5 м.88 (баҳодиҳии далелҳо) ва қ.2 м.203 (хусусияти пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи ноболиғ) пешбинӣ гардидааст. Агар мақсади исботкунӣ дар муқаррар кардани ҳақиқат ифода ёбад, пас дар кадом маврид гуфтан мумкин аст, ки ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ муқаррар гардидааст? Муқаррар кардани ҳақиқатро унвонҷӯ вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ба ду марҳила ҷудо намудааст: 1) марҳилаи тафтишоти пешакӣ, ки чун қоида, аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ба амал бароварда мешавад. Манзури унвонҷӯ, м.85 КМҶ ҶТ (ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд). Яъне, ҳангоми муайян кардани ин ҳолатҳо яқин гуфтан мумкин аст, ки ҳақиқат дар ин марҳила муқаррар карда шудааст; 2) Дар марҳилаи судӣ ҳангоми ҳаллу фасл гаштани масъалаҳое, ки дар м.335 КМҶ ҶТ (масъалаҳое, ки суд ҳангоми баровардани ҳукм ҳал мекунад) пешбинӣ шудаанд, қисмати дуюми муқаррар кардани ҳақиқатро ташкил медиҳад.

– **истифода карда шуданд:** Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, Кодекси мурофиавии ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаву консепсияҳо, таҷрибаи тафтишоти пешакӣ ва судӣ, аз қабили маълумотномаи Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2021, ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2022, нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муҳаққиқ бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ собит мегарданд. Гузашта аз ин, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз чумла, семинарҳо, конференсияҳои илмӣ ва илмӣ-назариявӣ тасдиқ карда мешаванд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 28 декабри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Мадвализода Комёр Мадвалӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**

**28 декабри соли 2024**